# ГУЗОРИШИ МИЁНДАВРӢ
**барои давраи 20 январ то 11 феврали 2015**

**13 Феврали 2015**

## I. ТАФСИФИ МУХТАСАР

- Интихоботи 63 вакили Маҷлиси Намояндагон, ки палатаи поёнии парламент мебошад, дар таърихи 1 марти соли 2015 баргузор мегардад. Аз ин миқдор, 22 вакил дар асоси рӯйхати пешниҳодкардаи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ мутаносибан интихоб карда мешаванд ва 41 нафар вакил аз ҳавзаҳои якмандатӣ дар асоси низоми дудавравии мажоритарӣ интихоб мегарданд. Сарфи назар аз нав дида баромадани ҳудуди ҳавзаҳо, тағйироти назаррас дар шумораи интихобкунандагон дида намешавад.

- Қонун «Дар бораи интихоботи Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қонун дар бораи интихобот) санади асосии ҳуқуқии интихобот мебошад. Дар соли 2014, тағйирот бо назардошти тавсияҳои САҲА/ДИДҲБ ба ин Қонун ворид карда шуданд, аммо пешниҳодоти деринаи якчанд ҳизби сиёсиро дар бар намегирад. Мувофиқи Қонун дар бораи интихобот, шаҳрвандон нозири интихобот шуда наметавонанд, вале номзадҳо метавонанд нозирони худро равона созанд.

- Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) ба мудирияти интихобот ӯҳдадор мебошад. Дар маҷмӯъ 41 комиссия ҳавзавӣ ва наздики 3,200 комиссияи участкавии интихобот (КҲИ ва КУИ) мувофиқи мӯҳлатҳои қонунӣ, таъсис дода шуда, фаъолият доранд. Баъзе аъзои КМИР ва КҲИ аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳод карда шуданд. Механизми таъиноти узви КУИ аз тарафи қонун ба танзим дароварда намешавад ва мансубияти аъзои КУИ ба ҳизби сиёсӣ маълум нест. Санаи 11 феврал узви КМИР -номзад аз Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) дастгир карда шуд. Миссияи нозирони интихоботии (МНИ) САҲА/ДИДБҲ таъсири ин ҳодисаро ба фаъолияти КМИР ва вазъи умумии пешазинтихоботӣ баҳодиҳӣ менамояд.

- КМИР як қатор дастурҳои мурофиавиро қабул кардааст, аммо ҷиҳатҳои муҳими раванди интихобот нофаҳмо мебошанд ва на ҳамаи қарорҳо ба аҳли ҷомеа дастрас мебошанд. КМИР барои комиссияҳои поёнӣ омӯзишҳо ташкил карда, ҷаласаҳои мунтазам мегузаронад, ки ба нозирон ва Васоити ахбои омма (ВАО) кушоду равшан аст. Маълумот дар бораи овоздиҳандагон аз тарафи расонаҳои давлатӣ пахш карда шуда истодааст.

- Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) ва ҲНИТ ба ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ бо шумораи максималӣ 28 номзад ва дигар ҳизбҳо аз 4 то 15 номзад пешниҳод карданд. КМИР рӯйхати ҳамаи ҳизбҳоро ба қайд гирифта, аз он 103 номзадро тасдиқ кард. Бақайдгирии 10 номзад бошад, рад карда шуд. КҲИ 185 номзадро барои рақобати якмандата ба қайд гирифт, ки аз он 80 нафар бо тартиби худпешбарӣ ба қайд гирифта шуданд ва 27 номзад аз рӯйхат хориҷ гардиданд. Инчунин, 19 фоизи номзадҳо занон мебошанд. Аз ҷониби ҳизбҳо хеле кам номзадҳо аз аққалиятҳои миллӣ, пешбарӣ шуданд.

- КМИР эълон кард, ки 4,346,415 нафар овоздиҳандагон ба қайд гирифта шуданд. Дар Тоҷикистон феҳристи марказии овоздиҳандагон вуҷуд надорад. Рӯйхати овоздиҳандагон барои ҳар як интихобот аз ҷониби КУИ тартиб дода мешавад. Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишваранд, метавонанд дар 35 ҳавзаи интихоботии дар 27 давлат таъсисдода, овоз диҳанд. Ба назари баъзеи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ шумораи участкаҳои интихоботӣ дар хориҷи кишвар, бо назардошти шумораи тақрибан зиёди овоздиҳандагон дар хориҷи Тоҷикистон, хеле кам аст.

- Берун аз вақти ройгон дар расонаҳои давлатӣ, ташвиқот зиёд набуда, то ҳол танҳо якчанд ташвиқот гузаронида шудааст. Шаҳрдории Душанбе ба ҳизбҳо овехтани плакат ва билбордҳоро иҷозат надод. ҲНИТ ва Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон хабар доданд, ки ба фишори сиёсӣ гирифтор шуданд ва нигаронии худро оиди набудани майдони васеъ барои гузаронидани ташвиқот, изҳор карданд. Ҳамаи телевизионҳои фарогири умумимиллӣ давлатӣ мебошанд. Рӯзноманигорон ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ доданд, ки худсензура вуҷуд дорад.

- Баҳсҳои интихоботиро комиссияи интихоботӣ ва ё суд ҳал карда истодааст. КМИР изҳор дошт, ки то кунун ба комиссияҳои интихоботӣ 46 шикоят расидааст ва ҳеҷ яке аз он қабул нашудааст.

- Фаъолияти Миссияи нозирони интихоботии САҲА/ДИДҲБ 20 январ оғоз ёфт. Он аз ҳайати асосӣ, ки аз 14 коршинос дар Душанбе ва 16 нозири дарозмуддате, ки дар саросари кишвар ҷойгиргашта, иборат мебошад.

## II. МУҚАДДИМА

Интихоботи Маҷлиси намояндагон -палатаи поёнии парламент (Маҷлиси олӣ) -дар таърихи 1-уми март баргузор мегардад. Рӯзи интихобот дар санаи 5 уми декабри соли 2014 аз тарафи Президент эълон шуд. Пас аз даъват аз ҷониби мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси тавсияҳои Миссияи арзёбии ниёзҳо (МАН), ки аз 27 то 29 октябри 2014 гузаронида шуд, Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА (САҲА/ДИДҲБ) 20 январ Миссияи нозирони интихоботиро (МНИ) ташкил кард.[1] Таҳти сарварии Миклош Харасти МНИ аз 14 коршиноси асосӣ дар Душанбе ва 16 нозири дарозмӯддат, ки дар саросари кишвар ҷойгиранд, иборат мебошад. Аъзои МНИ САҲА/ДИДҲБ аз 21 давлати иштирокчии САҲА ҷалб карда шудаанд. САҲА/ДИДҲБ аз давлатҳои иштирокчӣ дархост намудааст, ки 150 нафар нозирони кӯтоҳмуддатро барои назорат аз болои овоздиҳӣ, шумориши овозҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳо дар рӯзи интихобот, сафарбар намоянд. Интихоботи маҳаллӣ ва интихоботи парлумонӣ дар як замон баргузор мегарданд. Аз тарафи МНИ САҲА/ДИДҲБ танҳо интихоботи парлумонӣ мушоҳида карда мешавад.

## III. ЗАМИНА

Дар Тоҷикистон 8 ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), ки таъсисгар ва роҳбари он Президенти феълӣ Эмомалӣ Раҳмон аст - ҳизби ҳукмрон мебошад. Дар ду даҳсолаи охир рақиби сиёсии асосии он Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) бо роҳбарии Мухиддин Кабирӣ мебошад. Дар интихоботи парлумонии соли 2010, ҲХДТ ғолиби 70.6 фоизи овозҳо (45 курсӣ) ва ҲНИТ ғолиби 8.2 фоизи овозҳо (2 курсӣ) гашт. Дигар ҳизбҳое, ки дар парлумони кунунӣ намояндагони худро дошта, соҳиби ду курсигӣ мебошанд: Ҳизби коммунисти Тоҷикистон (ҲКТ), Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ), Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ). Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ), Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (ҲСТ) ва Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ) дар парлумон намоянда надоранд. ҲДТ ва ҲСТ худро ҳамчун мухолифи созгор муайян менамоянд. ҲСДТ бошад, танқидгари овозадори ҳукумат аст.

---

[1] Ҳамаи гузоришҳои САҲА/ДИДҲБ-ро дар ин ҷо дастрас кардан мумкин аст: http://www.osce.org/odihr/elections/tajikistan.

Аз соли 2005 ягон ҳизби нави сиёсӣ ба қайд гирифта нашудааст. Ташаббуси ташкили ҳизби нав «Ҳизби Тоҷикистони навин» аз тарафи собиқ вазири саноат Зайд Саидов номуваффақ гашт. Ӯ барои содир кардани якчанд ҷиноят ба мӯҳлати 26 сол зиндонӣ гашт. Мақомотҳои давлатӣ 20-уми январ эълон карданд, ки ба парванда ҷаноби Саидов якчанд ҷавобгарии ҷиноӣ илова карда мешавад. Санаи 13 январ, Шӯҳрат Қодиров муовини раиси ҲСДТ ва адвокати ҷаноби Саидов ба мӯҳлати нӯҳ сол ба зиндон маҳкум шуд.

Дар давраи гузориш, масъалаҳо роҷеъ ба ҳаракати мухолифон дар асоси диаспора, ба назар расид. Дар таърихи 16 январ, Тоҷикистон аз мақомоти Туркия экстрадитсияи роҳбари «Гурӯҳи 24» - Умаралӣ Қувватовро, ки муқими Истанбул аст, дархост кард. Дархост иҷро нашуд. Прокуратураи генералӣ 30 январ эълон кард, ки аъзои ҳаракати «Ҷавонон барои эҳёи Тоҷикистон»[2] - Мақсуд Иброҳимов, муқими Федератсияи Русия боздошт шуда, дар Душанбе нисбати ӯ парвандаи ҷиноӣ оғоз шуда истодааст.

Дар 23 январ, Президент Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии солонаи худ ба парлумон таъкид кард, ки интихоботи дарпешистода ба таври озод, демократӣ ва шаффоф бояд гузарад. Ӯ терроризм, амният ва захираи энергетикиро ҳамчун масъалаҳои муҳими миллӣ муайян кард ва то 15 -25 фоиз зиёд шудани маоши кормандони давлатӣ ва нафақаро эълон кард.

## IV. ЧАҲОРЧӮБАИ ҲУҚУҚӢ ВА СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТ

Маҷлиси намояндагон аз 63 вакил иборат аст ва ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда мешавад. 22 вакил дар асоси рӯйхати пешбаришудаи ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳавзаи ягонаи ҷумҳуриявӣ мутаносибан интихоб карда мешаванд, ки барои соҳиби як ҷой шудан бояд 5 дарсади овозҳоро соҳиб шуд. 41 вакили боқимонда аз ҳавзаҳои якмандатӣ тибқи системаи мажоритарӣ интихоб мешаванд. Дар ин рақобатҳо агар ягон номзад аксарияти овозҳоро соҳиб нашавад, ду номзади аз дигарон бештар овозгирифта дар давраи дуюм, ки бояд дар муддати ду ҳафта баргузор гардад, муборизаро давом медиҳанд. Барои боэътибор донистани интихобот, иштироки 50 дар сади интихобкунандагон дар овоздиҳӣ талаб карда мешавад ва агар на, бояд интихоботи такрорӣ гузаронида шавад.

Интихоботи парлумониро пеш аз ҳама Конститутсия (Сарқонун), ки соли 1994 қабул шудааст ва Қонун дар бораи интихобот, ки соли 1999 қабул шудааст, соли 2014 ба он тағйирот ворид карда шуданд, танзим менамоянд. Ба дигар қонунҳои мартуб ба интихобот Қонун «Дар бораи ҳизби сиёсӣ» (соли 1998), Қонун «Дар бораи ҷаласаҳои ҷамъиятӣ намоишҳо ва гирдиҳамоиҳо» (соли 2014), Кодекси граждании мурофиавии соли 2008, Қонун «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар васоити ахбори омма» (соли 2008), Кодекси ҷиноятии соли 1998, инчунин низомнома дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР)[3] дохил мешаванд.

Ҳамаи ҳизбҳои бақайдгирифташуда тағйироту иловаҳои ба Қонун дар бораи интихоботи соли 2014 воридкардаро дастгирӣ карданд. Тағйироти иловагии аз тарафи баъзе ҳизбҳо пешниҳодшуда, аз ҷумла ҳузури намояндагони ҳизб дар комиссияҳои интихоботӣ, расман аз ҷониби парлумон қабул нашуд. Ба тағйироти қабулшуда паст намудани гарави интихоботӣ аз ҷониби номзад, маҳдуд кардани иштироки фаъоли масъулини ҳукумати маҳаллӣ дар

2 Ҳизбе, ки Президент Раҳмонро танқид мекунад октябри соли 2014 дар Федератсияи Русия ташкил карда шудааст.

3 КМИР барои аниқ кардани дастурамали гузаронидани интихобот дар асоси қонунгузорӣ, ваколатдор аст.

ташвиқоти интихоботӣ ва содда намудани усули овоздиҳӣ дохил мешаванд.[4]Баъзе тағйирот қисман ва ё пурра тавсияҳои қаблии САҲА/ДИДҲБ-ро дар бар мегиранд. Боқимонда, маҳдудиятҳои беасос барои номзадӣ, маҳдудияти озодии сухан, шикоятҳои нофаҳмо ва ҷараёни апелятсия, плюрализм ва ҳамроҳкунӣ ба комиссияи интихоботӣ, инчунин набудани имконияти назорати интихобот аз тарафи шаҳрвандон мебошад. Дар Қонун дар бораи интихобот якчанд номувофиқати идорӣ (процедуралӣ) мавҷуданд. Аз ҷумла, модда дар бораи муайян кардани эътибornокии бюллетен, ки дар овоздиҳии қаблӣ асос ёфтааст.[5] Қонунгузорӣ тадбирҳои махсус барои баланд бардоштани иштироки занонро дар интихобот надорад.

КМИР якчанд қарорҳои расмиро қабул кард. Аз ҷумла, дастурҳои танзими кори Комиссияҳои ҳавзавии интихобот (КҲИ) ва Комиссияҳои участкавии интихобот (КУИ), қарор дар бораи пешбарӣ ва бақайдгирии номзад, фарогирии ВАО, нозирони интихоботӣ, арзу шикоятҳо ва қоидаҳо барои санҷиши дониши забони давлатӣ. Ин дастурҳо муқаррароти Қонун дар бораи интихоботро бе таҳияҳои иловагӣ такрор мекунад. КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки пеш аз рӯзи интихобот дигар дастурҳоро нашр намекунад.

## V. МУДИРИЯТИ ИНТИХОБОТ

Интихоботи парлумонӣ аз ҷониби комиссияи сезинагии интихобот идора карда мешавад. КМИР мақомоти доимоамалкунанда буда, мудирияти интихоботро ба ӯҳда дорад. 15 аъзои он, аз ҷумла, раис ва муовини раис аз тарафи Маҷлиси Намояндагон бо пешниҳоди Президент ба мӯҳлати панҷ сол таъин мешаванд. КМИР-и ҷорӣ 8 декабри соли 2014 мувофиқи мӯҳлати муқарраргардидаи қонун таъин мешавад. Дигар аъзои КМИР аз 7 номзади ҳашт ҳизби сиёсӣ иборат мебошанд.[6] ҲСДТ дар КМИР намоянда надорад ва тасдиқ кард, ки барои пешниҳод кардани номзад даъват нашуд.

Комиссияҳои сатҳҳои поёнӣ дар ҳар як интихобот аз тарафи комиссияи дарболоистода таъин карда мешаванд. КМИР 41 воҳид КҲИ дар ҳайати аз 9 то 15 аъзо дар ҳар кадомаш ташкил кард. КҲИ дар навбати худ, наздикии 3,200 КУИ дар ҳайати аз 5 то 19 аъзо дар ҳар кадомаш ташкил карданд. Қонун дар бораи интихобот пешбинӣ кардаст, ки ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд номзадҳоро барои узвият дар КҲИ барои баррасии КМИР пешниҳод кунанд. Бино ба маълумоти расмӣ, ҳамаи ҳизбҳо намояндагони худро дар КҲИ доранд, аммо андозаи он байни ҳизбҳо гуногун аст. [7] Усули таъин ва мансубияти сиёсии аъзои КҲИ, ки аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳод нашудаанд, маълум нест. Ҳарчанд баъзе аз мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ даъво карданд, ки аксарияти онҳо тарафдори ҲХДТ мебошанд. Қонун таркиби КУИ -ро танзим намекунад, чунончи мансубияти сиёсии аъзои КУИ маълум нест. ҲНИТ дар вилояти Суғд ба КУИ номзад пешниҳод кард, аммо КҲИ онро рад кард, дар асоси он, ки ин дар Қонун дар бораи интихобот иҷозат дода нашудааст.

КМИР мунтазам ҷаласаҳо мегузаронад, ки ба ВАО кушода мебошад. Он сомонаи худро дорад, ки дар он маълумот, аз ҷумла оиди тартиботи овоздиҳӣ, мӯҳлатҳои интихобот ва баъзе қарор ва дастурҳоро ҷойгир мекунад.[8] Дигар маълумоти паҳншуда, ин филми ду дақиқагӣ бо забони

---

4 Мувофиқи усули овоздиҳии пешина, овоздиҳанда номзадҳои интихоб накардаро аз рӯйхат хат зада, номзади интихобкардаашро мегузошт. Дар усули нав, дар назди номзад ва ё ҳизби интихобкардааш аломати ‘+’ мегузорад.

5 Дар муқоиса ба Қонун дар бораи интихоботи парлумонӣ, тағйироти соли 2014 ба Қонун дар бораи интихоботҳои маҳаллӣ меъёрҳои муайян намудани бюллетенҳои боэътибор ва беэътиборро бо усули нави овоздиҳӣ мутобиқ шудаанд.

6 13 узви кунунии КМИР дар таркиби пешинаи КМИР низ аъзо буданд.

7 ҲХДТ ва ҲКТ -47, ҲНИТ -40, ҲИИТ - 25, ҲАТ- 24, ҲДТ - 9, ҲСТ - 7, ва ҲСДТ - 4 номзад ҳамчун намоянда дар КҲИ таъин карданд. Дар баъзе КҲИ ҳизбҳо беш аз як нафар намоянда доранд.

8 Баъзе қарорҳо ва дастурҳои КМИР дар маҷаллаҳои давлатӣ низ чоп шуданд, *Ҷумҳурият*

тоҷикӣ ва русӣ роҷеъ ба усули овоздиҳии нав мебошад, ки аз 4 феврал дар ду расонаҳои телевизионии давлатӣ пахш мешаванд. То имрӯз, КМИР беш аз 30 семинарҳои омӯзиширо барои раисон, муовини раисон ва котибони комиссияҳои сатҳҳои поёнии аксари ноҳияҳо гузаронида шуд, ки дар он раиси КМИР ё аъзо ва кормандони КМИР дар бораи тағйироту иловаҳои Қонун дар бораи интихоботро паҳн карданд. Дар семинарҳо бахши саволу ҷавобҳо шуда гузашт, ки дар он иштирокчиён бо масъалаҳои равандӣ шинос шуданд.

8 декабр, КМИР 41 ҳавзаи якмандата таъсис дод, ва ҳудуди онҳо аз нав дида баромада шуданд. Шумораи овоздиҳандагон дар ноҳияҳо ба таври назаррас фарқ мекунанд, аз 64, 479 дар ноҳияи Сино (КҲИ 4) то 156,756 дар ноҳияи Қубодиён (КҲИ 31).[9] КМИР 35 участкаи интихоботиро дар 27 кишвар таъсис дод.[10] Шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия тақрибан аз 250,000 то 1 миллион мебошад. Баъзе мусоҳибони МНИ САҲА/ДИДҲБ изҳор доштанд, ки шумораи участкаҳои интихоботӣ хеле кам буда, имконияти самараноки овоздиҳиро фароҳам намесозанд.

МНИ САҲА/ДИДҲБ ба кулли 41 КҲИ ташриф оварданд, ки ҳамаи он дар маҷмӯъ пурра коршоям мебошанд. Аммо, баъзе фарқиятҳо дар фаҳмиши КҲИ ва татбиқи Қонун аз ҷумла дар санҷиши имзоҳо оид ба дастгирии номзадҳо, мушоҳида шуданд.

Назар ба интихоботҳои гузашта, интихоботи парлумонӣ ва маҳаллӣ аз тарафи комиссияҳои алоҳида идора карда шуда, дар як ҷо мегузаранд.[11] Овозҳо ба ҳамаи намудҳои интихобот ба як қуттии овоздиҳӣ ворид карда мешавад. КМИР ягон дастур барои муайян намудани фарқияти раванди интихоботи маҳаллӣ ва парлумониро, аз ҷумла идоракунии рӯйхати овоздиҳандагон ва тартиби равандро, пешниҳод накардаст.

Санаи 11 феврал Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон боздошти Ҷамолиддин Маҳмудовро, узви КМИР, ки намояндаи ҲНИТ буд, бо иттиҳоми нигаҳдории ғайриқонунии силоҳи оташфишон эълон кард. МНИ САҲА/ДИДҲБ таъсири ин ҳодисаро ба фаъолияти КМИР ва вазъи умумии пешазинтихоботӣ баҳодиҳӣ мекунад.

## VI. БАҚАЙДГИРИИ ОВОЗДИҲАНДАГОН

Мувофиқи Сарқонун ҳамаи шаҳрвандони аз 18-сола боло, ба истисноии онҳое, ки ғайри қобили амал эълом шудаанд ё бо ҳукми суд аз озодӣ маҳруманд, сарфи назар аз вазнинии ҷинояти содиркардаашон, ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд. Аз рӯи иттилои КМИР, 4,346,415 овоздиҳанда қайди ном шудаанд. Феҳристи ягонаи овоздиҳандагон вуҷуд надорад. Рӯйхати овоздиҳандагон барои ҳар як интихобот аз ҷониби КУИ тартиб дода мешавад. Дар маҷмӯъ, КУИ рӯйхати овоздиҳандагонро дар асоси маълумоти ҷои истиқомат, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ пешниҳод карда мешавад, тартиб медиҳад. Рӯйхати овоздиҳандагон бояд на дертар аз 13 феврал барои шиносоии омма пахш карда шавад. МНИ САҲА/ДИДҲБ мушоҳида намудааст, ки ҳангоми тартиб додани рӯйхати овоздиҳандагон барои санҷиши маълумот оид ба овоздиҳандагон КУИ аз усулҳои гуногун, истифода кардааст, аз ҷумла тафтишҳои хона ба хона.

Интихобкунандагоне, ки ба рӯйхати овоздиҳандагони участкаи худ сабт нашдаанд, метавонанд худро дар рӯйхати иловагии овоздиҳандагони КУИ, аз ҷумла дар рӯзи интихобот сабти ном кунанд. Барои муайян намудани шахсияти овоздиҳанда чор намуди ҳуҷҷат қабул карда

9 Шумораи миёнаи овоздиҳандагон бар ҳавза 106,010.
10 Дар Федератсияи Русия 3 участкаи интихобот мешавад. Дар муқоиса ба 24 участка дар интихоботи президентии соли 2013.
11 Комиссияҳои алоҳидаи ноҳиявӣ ва вилоятии интихобот барои интихоботи маҳаллӣ низ ҷудо мавҷуданд.

мешавад, ки танҳо дутои он – шиноснома ва ҳуҷҷати ронандагӣ, ҷои истиқоматро тасдиқ намуда метавонанд. Баръакси ҳол, аз интихоботҳои қаблӣ, дастурҳои КМИР аз онҳое, ки хоҳиши ба рӯйхати овоздиҳандагон сабти ном шуданро доранд, тасдиқи ҷои истиқоматро талаб намекунанд. Аз КУИ талаб карда намешавад, ки рақами ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият ё шиносномаи шахсеро, ки ба рӯйхати асосӣ ё иловагии овоздиҳандагон дохил шуданро дархост дорад, сабт намоянд.

## VII. БАҚАЙДГИРИИ НОМЗАДҲО

Шаҳрвандони дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ, ки синнашон ҳадди ақал аз 25 сола боло аст, дорои маълумоти олӣ мебошанд, бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) ҳафр мезананд ва шаҳрвандӣ доранд, инчунин таи панҷ соли охир дар Тоҷикистон зиндагӣ кардаанд, метавонанд ҳамчун номзад пешбарӣ шаванд. Қонун дар бораи интихобот ба кормандони низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ходимони динӣ пешбарӣ кардани номзадиро манъ мекунад. Ҳамчунин, ба шаҳрвандоне, ки зери тафтишоти судӣ қарор доранд ё доғи судии онҳо бардошта нашудааст, ҳуқуқи пешбарии номзадӣ дода намешавад.

Дар таърихи 3 феврал, баъди пешбарии худ ҳамчун номзад аз ҲСДТ дар ноҳияи Ҷомӣ, Фирдавс Соҳибназаров боздошт шуд ва нисбати ӯ парвандаи ҷиноӣ бо гумонбарӣ дар содир кардани дуздӣ, сохтакории ҳуҷҷатҳо ва шустушӯӣ пул, оғоз карда шудааст. Дар натиҷаи ин ҳодиса, ӯ ҳуқуқи худро барои иштирок дар интихобот аз даст додааст. Роҳбари ҲСДТ, Раҳматулло Зойиров изҳор дошт, ки ӯ ҳодисаи мазкурро ҳамчун ангезаи сиёсӣ меҳисобад. [12]

Номзадҳо метавонанд аз тариқи номзадҳои ҳизбӣ дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва/ё аз тариқи ҳавзаҳои якмандатӣ пешбарӣ шаванд. Илова бар ҳуҷҷатҳои дастгирикунанда,[13] қонун аз номзадҳо пардохти гарави интихоботиро дар ҳаҷми 4,000 сомонӣ (EUR 650)[14] талаб мекунад; ними маблағи гаравро пешакӣ пардохт намудан зарур аст.[15] Дар ҳоле, ки ин масъала аз қатори яке аз тавсияҳои гузаштаи САҲА/ДИДҲБ мебошад, баъзе ҳизбҳо қайд карданд, ки маблағи гарав ҳанӯз ҳам назаррас аст ва бо ин сабаб, шумораи номзадҳоеро, ки онҳо метавонистанд пешбарӣ кунанд, кам шудааст. Номзади худпешбар метавонанд номзадии худро танҳо ба ҳавзаи якмандатӣ пешбарӣ намояд ва бояд ба талаботе, ки номзадҳои ҳизбӣ риоя мекунанд, ҷавобгӯ буда, на камтар аз 500 имзои сокинони ноҳияро ҳамчун далели дастгирии номзадии худ пешниҳод кунад.

То таърихи охирин, яъне 14 январ ҳамаи ҳашт ҳизб рӯйхати номзадҳои ҳизбиашонро барои рақобати умумиҷумҳуриявӣ пешниҳод намуданд. Шумораи номзадҳо аз 4 нафари аз ҷониби ҲДТ то ба 28 нафари аз ҷониби ҲХДТ ва ҲНИТ пешниҳодшуда фарқият дорад.[16] Бақайдгирии номзадҳо 8 феврал ба итмом расид. Дар маҷмӯъ, 123 номзад барои рақобати умумиҷумҳуриявӣ пешбарӣ шудаанд, ки аз он 103 нафар ба қайд гирифта шуда, 10 нафар пешбариашонро бозпас гирифтанд ва 10 нафар дар сабти номзадӣ рад шуданд.[17] Бино ба иттилои КМИР, илова бар ин

---

[12] Мактуби ҷаноби Зоиров: www.facebook.com/permalink.php?story_fbid=345479012306475&id=100005331363709.

[13] Ҳуҷҷатҳое, ки бояд аз ҷониби ҳар як номзад пешниҳод карда шаванд: ҳуҷҷати пешбарии номзад, маълумоти шиноснома ва тарҷумаи ҳоли номзад, маълумотнома оид ба моликият ва даромад, маълумотномаи тиббӣ ва маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ.

[14] 1 Евро тахминан ба 6.1 сомонӣ баробар аст.

[15] Гарави интихоботӣ танҳо ба ҳизбҳое, ки аз 5 фоиз бештари овозҳои боэътиборро дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва ба номзадҳои мажоритарӣ, ки аққалан 10 фоизи овозҳоро дар ҳавзаҳои дахлдори худ гирифтаанд, баргардонида мешавад.

[16] Мувофиқи тағйирот ба Қонун дар бораи интихобот аз соли 2014, шумораи бештарини номзадҳои ҳизбӣ дар ҳавзаи умумиҷумҳуриявӣ аз 22 то 28 нафар зиёд карда шуд.

[17] Аз байни номзадҳое, ки номзадиашон ба қайд гирифта нашудааст, ҳашт нафарашон маблағи гаравро супорида натавонистанд, як нафар боздошт шудааст ва як нафари дигар дар хориҷа истиқомат мекунад.

КҲИ 185 номзадро дар ҳавзаҳои якмандатӣ сабти ном намуд, ки аз он 80 нафар бо тартиби худпешбарӣ ва 27 нафари дигар дар қайди ном рад гирифтанд ё номзадиашонро бозпас хонданд. Дар рӯйхати номзадҳои ҳизбҳо 24 фоиз ва дар рӯйхати номзадҳои мажоритарӣ 17 фоизи занон ба қайд гирифта шуданд.

## VIII. ТАШВИҚОТИ ИНТИХОБОТӢ

Масъалаҳои асосие, ки аз ҷониби ҳизбҳо муаррифӣ карда шуданд, иқтисодиёт, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муҳоҷират, ифротгароии динӣ ва амният дар Афғонистонро дар бар мегиранд. Ҳамаи ҳизбҳо изҳор доштанд, ки баробарии гендерӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳо ба шумор меравад. Паёмҳои ташвиқотии ҲАТ, ҲСТ ва ҲДТ ба интихобкунандагони зан равона шуда буданд.

Мувофиқи муқаррароти Қонун дар бораи интихобот маъракаи ташвиқоти интихоботӣ дарҳол баъди ба қайд гирифтани номзад ё рӯйхати ҳизбӣ оғоз шуда, 24 соат пеш аз рӯзи интихобот ба анҷом мерасад. То имрӯз, ғайр аз истифодаи вақти ройгони аз тарафи расонаҳои давлатӣ ҷудошуда, танҳо якчанд фаъолияти тарғиботӣ гузаронида шудааст. КҲИ масъул аст, аз 9 феврал сар карда, вохӯрии номзадҳоро бо интихобкунандагон ташкил намояд. Илова бар ин, ҳизбҳои сиёсӣ нақша доранд, то дар бинои ҳизб ва ҷойҳои ҷамъиятӣ вохӯриҳо баргузор намоянд, ҳарчанд, шояд аз сабаби мавҷуд набудани возеҳияти ҳуқуқӣ бошад, фаҳмиши онҳо оид ба шаклҳои иҷозатдодашудаи гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ гуногун аст.

Воситаҳои маъракаи интихоботӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор ба танзим дароварда шудаанд. КМИР қарореро интишор кардааст, ки дар он ҳаҷм ва мундариҷаи плакатҳои расмии ҳизбҳо ва номзадҳо, ки дар участкаҳои интихоботӣ барои шиносоии омма пахш кардан мумкин аст, муайян карда мешавад. Мақомоти шаҳри Душанбе дархости ҲНИТ-ро барои истифодаи билбордҳо бар иллати он, ки Қонун дар бораи интихобот оид ба чунин навъи маъракаҳои пешазинтихоботӣ муқаррароте пешбинӣ накардааст, рад намуд.[18] ҲХДТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки онҳо низ нияти истифодаи билбордро доштанд, аммо баъди қарори мақомоти шаҳри Душанбе аз нақшаи худ даст кашиданд.

Роҳбарияти ҲНИТ ва ҲСДТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ дар бораи мавҷуд набудани имкониятҳои зарурӣ барои гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ изҳори нигаронӣ намуданд. Намояндагони ин ҳизбҳо дар бораи таҳти фишори сиёсӣ қарор доштанашон гузориш додаанд. Дар таърихи 28 январ тарафдорони ҲНИТ аз ноҳияи Ашт ба Президент ва Прокурори генералӣ муроҷиат намуда, дархост карданд, то ба таҳдидҳо нисбат ба аъзои ҳизби онҳо хотима дода шавад.

Қоидаҳои вобаста ба маблағгузории маъракаи ташвиқотӣ аз интихоботи парлумонии гузашта қариб бетағйир мондаанд. Тибқи қарори КМИР ҳар як номзад ва ҳизби сиёсӣ ҳуқуқ дорад, ки барои пешбурди маъракаи пешазинтихоботии худ дар ҳаҷми 3,000 сомонӣ ва 30,000 сомонӣ, мувофиқан, маблағ бигирад. Номзадҳо метавонанд ташвиқоти пешазинтихоботии худро аз ҳисоби маблағҳои худ ва хайрияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ба истиснои сарчашмаҳои хориҷӣ ва ё давлатӣ, маблағгузорӣ намоянд. Маблағҳои хайриявие, ки ба номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ дода мешаванд, то ба 4,000 сомонӣ ва 20,000 сомонӣ, мутаносибан, маҳдуд шудаанд. Хароҷот барои маъракаи интихоботӣ бошад, то 1,2 миллион сомонӣ барои ҳизбҳо ва 60,000 сомонӣ барои номзадҳо, маҳдуд шудааст. КМИР харҷи маблағҳои барои маъракаи пешазинтихоботӣ сарфшавандаро назорат мекунад, аммо Қонун дар бораи интихобот ягон намуди ҳисоботсупорӣ ва ё назорати маблағҳои барои ташвиқот сарфшавандаро то рӯзи

---

[18] Моддаи 39-и Қонун муқаррар мекунад, ки ташвиқотро метавон тариқи васоити ахбори омма, конфронс, вохӯрӣ бо шаҳрвандон, мубоҳиса ва муҳокимаҳо, маводҳои тарғиботии чопӣ ва дар шакли дигаре, ки қонун муқаррар намудааст, ба амал баровард.

интихобот талаб намекунад. КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки номзадҳо ва ҳизбҳо бояд дар бораи хароҷоти маблағҳо барои маъракаи ташвиқотӣ ба КМИР дар давоми даҳ рӯз пас аз рӯзи интихобот ҳисобот супоранд.

## IX. ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА (ВАО)

Телевизион яке аз манбаъҳои асосии иттилоот ба шумор меравад, аммо танҳо ВАО-и давлатӣ хосияти фарогирии умумиҷумҳуриявиро доро мебошад. Радиову телевизиони хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ фаъолият мекунанд. Матбуоти чопӣ иттилооти сиёсии гуногунро беҳтар таъмин карда метавонад, аммо адади нашри он маҳдуд аст. Дастрасӣ ба баъзе сарчашмаҳои иттилоотии интернетии маҳаллӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин ба васоити ахбори иҷтимоӣ такроран баста мешавад. Чуноне рӯзноманигорон ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ доданд, аз тарси ҷазои маъмурӣ ва ҳуқуқӣ худсензура маъмул гаштааст.

Қонун дар бораи интихобот муқаррароти ҳуқуқии асосиро барои гузаронидани маъракаи ташвиқотӣ дар ВАО дар шакли умумӣ тасвир мекунад. Мувофиқи Қонун дар бораи интихобот рӯзноманигорон ҳуқуқ надоранд ахбореро нашр намоянд, ки қадру қиммат, номус ва обрӯю эътибори кории номзадро паст мезанад, дар ҳоле, ки Кодекси ҷиноятӣ барои таҳқири президент ва дигар шахсони мансабдор ҷазо пешбинӣ намудааст. Дар асоси талаботи Қонун дар бораи интихобот, телевизион ва радиои давлатӣ бояд ба ҳар як номзади ҳавзаи якмандатӣ номзади мажоритарӣ 20 дақиқа ва ба номзади ҳизби сиёсӣ 40 дақиқа вақти эфирии ройгон таъмин намоянд.[19] Тибқи қарори КМИР бошад, рӯзномаҳои давлатӣ ӯҳдадоранд, то ба ҳар як ҳизб дар ҳаҷми ҳашт саҳифаи андозаи А4 фазои ройгон пешниҳод намоянд.

Аз санаи 22 январ, МНИ САҲА/ДИДҲБ мониторинги миқдорӣ ва сифатии 3 шабакаи телевизионӣ, 4 стансияи радиоӣ ва 12 рӯзномаро оғоз кард.[20] Рӯзи 23 январ, пахши мустақими паёми солонаи президент Эмомалӣ Раҳмон ба парлумон тариқи ҳамаи шабакаҳои телевизион ва радиостансияҳои давлатӣ мониторинг шуд ва дар рӯзҳои баъдин қисман ё пурра такроран пахш гардид. Илова бар ин, тафсирҳои мусбат аз ҷониби вакилони ҲХДТ ва мансабдорони давлатӣ нисбати паём дар ВАО-и давлатӣ ба таври васеъ фаро гирифта шуданд. Фикру ақидаи ҲНИТ ва ҲСДТ нисбат ба суханронӣ танҳо дар ВАО-и чопии хусусӣ дарҷ гардида шуд.

Ҳизбҳо истифодаи вақти эфири ройгонашонро аз 28 январ оғоз намуданд. Аксарияти ҳизбҳо вақти ҷудокардаро дар пахши ягона истифода карданд[21], ба истиснои ҲНИТ, ки вақти худро дар як пахши 18-дақиқагӣ ва 22 эълони давомоташ як дақиқа сарф кард; чунин усули истифодаи вақти эфирӣ аз тарафи КМИР қабул карда шуд. Аз 4 феврал шабакаҳои телевизионии давлатӣ пахши наворҳои видеоиро барои интихобкунандагон дар бораи чӣ гуна ва дар куҷо овоз додан, оғоз карданд.

## X. АРЗУ ШИКОЯТҲО

Тартиби баррасии арзу шикоятҳо дар асоси Қонун дар бораи интихобот, Кодекси мурофиавии шаҳрвандӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба амал бароварда шуда, баррасии арзу шикоят бо қарори КМИР ба танзим дароварда мешаванд. Судҳо ва комиссияҳои интихоботӣ салоҳияти баррасии шикоятҳоро оид ба қарорҳо, амалҳо ва беамалии фаъолияти комиссияҳои

---

19 КМИР ва Кумитаи давлатии телевизион ва радио ТВ '*Шабакаи 1*'-ро ҳамчун телевизони асосӣ барои пахши баромадҳои ташвиқотии ҳизбҳо муайян намуданд.

20 Телевизион: *ТВ Ҷаҳоннамо*, *ТВ Сафина* ва *ТВ Шабакаи 1*. Радио: Радиои Азия плюс, *Радиои Имрӯз*, *Радиои Ховар* ва *Радиои Тоҷикистон*. Рӯзномаҳо: Азия плюс, *Чархи гардун, Фараж, Имрӯз нюс, Ҷумҳурият, Миллат, Народная газета, Нигоҳ, Озодагон, Садои мардум, Тоҷикистон* ва '*СССР*'.

21 ҲХДТ ва ҲКТ вақти ҷудокардаро пурра истифода бурданд. Ҳоло он ки ҲИИТ 36 дақиқа, ҲСТ 35 дақиқа, ҲСДТ 30 дақиқа, ҲДТ 27 дақиқа ва ҲАТ 24 дақиқа истифода бурданд.

интихоботӣ доро мебошанд. Барои пешниҳоди шикоят ҳам ба комиссияи интихоботӣ ва ҳам ба суд қонун ягон муқарраротеро пешбинӣ накардааст. Шикоятҳои дигаре, ки вайронкунии Қонун дар бораи интихоботро исбот мекунанд, бояд ба суд пешниҳод карда шавад. Шаҳрвандон метавонанд вобаста ба рӯйхати интихобкунандагон ба КУИ шикоят изҳор намоянд ва нисбати қарори КУИ ба КҲИ ва суд аризаи эътирозӣ пешниҳод кунанд. Қарори КМИР оид ба рад кардани бақайдгирии номзад бевосита ба Суди Олӣ шикоят карда мешавад. Дар ҳамаи ҳолатҳо Суди Олӣ зинаи ниҳоӣ ба шумор меравад.

Бино ба маълумоти КМИР, то 10 феврал, комиссияҳои интихоботӣ 46 шикоят қабул кардаанд. Аз ин шумора, 18 шикоят дар шакли хаттӣ пешниҳод шудаанд, ки аксаран аз тарафи ҲНИТ мебошанд. Мазмуни шикоят ба ҳайати КУИ дахолат дошта, дар он изҳор мегардад, ки ду номзади дорои сабти ҷиноятӣ ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамаи шикоятҳо бино бар моҳияташон ё дар асоси нагузаштани тартиби проссесуалӣ рад шуданд. 10 қарор КҲИ аз ҷониби ҲНИТ ба суд эътироз шуданд, ки мувофиқи он шахсоне, ки ҲНИТ ҳамчун аъзо ба КУИ пешниҳод намудааст, дохил карда нашуданд.[22] Дурустии нӯҳ қарори КҲИ тасдиқ карда шуд ва як шикоят бино бар асосҳои мурофиавӣ, рад гардид.

## XI. ИШТИРОКИ АҚАЛЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ

Ҳизбҳои сиёсӣ шумораи хеле ками номзадҳоро аз ҷумлаи ақаллиятҳои миллӣ пешбарӣ намуданд.[23] Қонун дар бораи интихобот аз номзадҳо донистани забони давлатиро талаб мекунад ва мувофиқи супориши КМИР тартиби гузаронидани санҷиш оид ба донистани забони давлатӣ муқаррар шудааст.[24] Ҳамаи ҳизбҳо изҳор доштанд, ки санҷиши донистани забони давлатӣ барои номзадҳои онҳо мушкил нест, ҳарчанд роҳбари ҲСДТ изҳор дошт, ки ин талаб барои номзадҳои эҳтимолӣ аз ақаллиятҳои миллӣ ва тоҷиконе, ки дар Русия таҳсил кардаанд, метавонад монеа пеш орад.

КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ хабар дод, ки маводи иттилоотӣ оид ба интихобот бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дастрасанд ва бюллетенҳо бошад, дар минтақаҳои нишасти онҳо аққалиятҳои миллӣ бо забони модарии онҳо чоп карда мешаванд. Дар маҷмӯъ, ақаллиятҳои миллӣ дар идоракунии интихобот ва ҳаёти сиёсӣ ба қадри кофӣ ҷалб нашудаанд, гарчанде аъзои баъзе аз КҲИ ва КУИ, ки дар минтақаҳои асосии нишасти ақаллиятҳои миллӣ қарор доранд, аз ҷумлаи ақаллиятҳои миллӣ мебошанд. Ягон ҳизб тадбирҳои мушаххасеро оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ дар барномаҳои худ таъкид накардаанд.

## XII. НОЗИРОНИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мувофиқи Қонун дар бораи интихобот, шаҳрвандон нозири интихобот шуда наметавонанд, вале рақибони интихоботӣ (номзадҳо ва ҳизбҳо) метавондад нозирони худро ба участкаи интихоботӣ ирсол кунанд. Ташкилотҳои хориҷии даъватшуда низ ҳуқуқи назорати интихоботро доранд.[25] ВАО низ ба комиссияҳои интихоботӣ дастрасӣ доранд. Қонун дар бораи интихобот ба нозирони ваколатдор ҳуқуқ додааст, то дар ҷаласаҳои комиссияҳои интихоботӣ иштирок кунанд, нусхаи ҳуҷҷатҳои расмиро бигиранд, ба участкаҳои интихоботӣ

[22] Ба судҳои шаҳрии Исфара, Истаравшан, Хуҷанд ва Панҷакент, ҳамчунин судҳои ноҳиявии Ашт ва Масчоҳ изҳор шуданд.

[23] Мувофиқи маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ аз соли 2010, тоҷикон 84.3 фоиз, ӯзбекон 13.8 фоиз, қирғизон 0.8 фоиз ва русҳо 0.5 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд.

[24] Номзадҳо ба Парлумон аз ҷониби муаллимони забони тоҷикӣ ва мутахассисони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷида шуда, дониши номзадҳоро оид ба забони давлатӣ баҳогузорӣ карданд. Аз номзадҳо навиштани тарҷумаи ҳол, хондани буррои матн дар ҳаҷми як саҳифа ва гузаштани мусоҳиба бо забони тоҷикӣ дар назди аъзои комиссия талаб карда мешавад.

[25] То таърихи 10 феврал 131 нозирони хориҷӣ аз тарафи КМИР аккредитатсия шудданд.

озодона ташриф оранд ва раванди овоздиҳӣ ва шумориши овозҳоро назорат кунанд. Нозирон ҳуқуқи ба даст овардани нусхаи тасдиқшудаи протоколи ҷамъбастиро надоранд.

## XIII. ФАЪОЛИЯТҲОИ МНИ САҲА/ДИДҲБ

МНИ САҲА/ДИДҲБ фаъолияти худро дар шаҳри Душанбе бо нишасти матбуотӣ дар таърихи 20 январ оғоз намуд. МНИ САҲА/ДИДҲБ бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМИР, намояндагони ҳукумат, намояндагони ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва намояндагиҳои дипломатӣ вохӯриҳо баргузор намуд. 24 январ шонздаҳ нозири дарозмуддат ба саросари Тоҷикистон сафарбар карда шуданд. Онҳо бо ҳамаи 41 КҲИ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор мулоқотҳо баргузор намуданд. Ассамблеяи парлумонии САҲА ва Парлумони Аврупо ният дорад, то барои назорати рӯзи интихобот ҳайати нозиронашонро сафарбар намояд. Раиси амалкунандаи САҲА, Марриетта Тидейро ҳамчун Ҳамоҳангсози махсус ва Роҳбари нозирони кӯтоҳмуддати САҲА барои ин интихобот таъин кард.

***Танҳо нусхаи англисии гузориши мазкур санади расмӣ ба ҳисоб меравад.***
***Тарҷумаҳои ғайрирасмӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дастрас мебошанд.***